**ХУЛОСАИ**

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-035 дар заминаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Парвандаи аттестатсионии № 1

қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 12.09.2020, протоколи № 1

Дар бораи Тағоев Шамсулло Хурсандович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Коркарди амсилаи компютерии бозии педагогии рангпуркунӣ барои рушди салоҳиятҳои хонандагон дар ҷараёни таълими системаҳои ҳисоб» дар шакли дастхат аз руйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-035, дар заминаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67) ба ҳимоя қабул карда шуд.

**Унвонҷӯ** Тағоев Шамсулло Хурсандович, соли таваллудаш 1988, соли 2012 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ихтисоси информатика касби муҳандис-барномасоз бомуваффақият хатм намудааст. (Диплом ДТО №0115208).

Ҳоло ӯ дар вазифаи ассистенти кафедраи информатикаи факултети механика ва математикаи ДМТ фаъолият карда истодааст..

Шаҳодатномаи №19-25 оид ба супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) дар таърихи 30-юми ноябри соли 2018 бо баҳои хуб, аз фанни фалсафа дар таърихи 17-уми декабри соли 2019 бо баҳои хуб ва назария ва методикаи омӯзишу парвариш (методикаи таълими информатика) дар таърихи 16-уми апрели соли 2020 бо баҳои аъло супорид.

Кори илмӣ дар кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст

**Комилиён Файзалӣ Саъдулло,** доктори илмҳои физикаю математика, профессор, профессори кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқаризони расмӣ:**

1. **Сатторов Абдурасул Эшбекович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор мудири кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.
2. **Рафиев Сафархон Аюбович** – номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ.

**Ташкилоти тақриздиҳанда:** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи Тағоев Шамсулло

Хурсандович бо имзои номзади илмҳои педагогӣ дотсент мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ, Мавлоназаров Силмон Силтонназарович, пешниҳод гардида ва бо имзои ректори донишгоҳ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, А.Д. Ғафурзода аз таърихи 12-уми майи соли 2020 тасдиқ шудааст.

Тақриз аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар семинари илмии васеъ ва муштараки кафедраҳои Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 майи соли 2020, протоколи № 8 омода гардида, дар ҷаласаи шӯрои олимони академия аз 13 майи соли 2020, протоколи № 5 тасдиқ гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотии дар 19 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5-тояшро дастурҳои таълимию методии аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ДМТ тавсияшуда, 6-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 8-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**

***а) Дастурҳои таълимие, ки Вазорати маориф ва илми ҶТ ва ДМТ тавсия ва чоп кардаанд:***

[1-М]. *Комилиён, Ф. С.* Роҳнамои фанни технологияи иттилоотӣ синфи 11-ум. Дастури таълимӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, И.Л. Қосимов, Р.Ҷ. Давлатов, Ш.Х. Тағоев. – Душанбе: ҶДММ «Паёми ошно», 2018. – 272 с. – ISBN 978-99947-852-8-5.

[2-М]. *Комилиён, Ф. С.* Роҳнамои фанни технологияи иттилоотӣ синфи 6-ум. Дастури таълимӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, С.Р. Қурбонов, Ш.Х. Тағоев. – Душанбе: ҶДММ «ТоРус», 2018. – 120 с. – ISBN 978-99947-1-578-7.

[3-М]. *Комилиён, Ф. С.* Технологияи бозиҳои педагогӣ дар рушди салоҳиятҳои хонандагон дар ҷараёни таълими системаҳои ҳисоб. Дастури таълимии иловагӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ барои хонандагони синфи 11 [Матн] / Ф.С. Комилиён, Ш.Х. Тағоев, А.Ш. Комилӣ. – Душанбе: ҶДММ «Ганҷи хирад», 2019. – 160 с. – ISBN 978-99975-356-3-4.

[4-М]. *Тағоев, Ш. Х.* Дастури методӣ оид ба иҷрои корҳои лабораторӣ аз фанни «Асосҳои алгоритм ва забони барномасозӣ (Visual Basic 6.0)» [Матн] / Ш.Х. Тағоев, Маҳмуроди А.Ғ., А.А. Раҳмонов, М.М. Шарипов. – Душанбе: «Ваҳдат принт», 2017. – 61 с.

[5-М]. *Тағоев, Ш. Х.* Таҷрибаомӯзии таълиму ҳисоб. Дастури методӣ [Матн] / Ш.Х. Тағоев, Х.М. Ҷалилов, С.С. Ризоев. – Душанбе: ҶДММ «Эр-граф», 2018. – 60 с.

***б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:***

[6-М]. *Комилӣ, А. Ш.* Методикаи иҷрои амалҳои арифметикӣ дар системаҳои ҳисоби мавқеӣ [Матн] / А.Ш. Комилӣ, Ш.Х. Тағоев, Б.Ф. Файзализода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2019. – № 1-4 (68). – С. 97-104.

[7-М]. *Комилов, Ф. С.* Андешаҳо перомуни муносибати босалоҳият дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, Ш.Х. Тағоев, Ф.Р. Файзуллоев, Ҷ.Х. Мирзоев, Д.С. Шарапов // Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – 2018. – № 1-1 (51). – С. 162-169.

[8-М]. *Комилов, Ф. С.* Игровая технология как разновидность интерактивной педагогической игры [Текст] / Ф.С. Комилов, Ш.Х. Тагоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2015. – Т.2. – № 1/5 (188). – С. 3-10.

[9-М]. *Комилов, Ф. С.* Истифодаи технологияи бозиҳо дар шакли таълими проблемагаро ва таҳкими технологияҳои педагогӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, Ш.Х. Тағоев, Ф.Р. Файзуллоев, Д.С. Шарапов, Ҷ.Х. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – № 2. – С. 296-305.

[10-М]. *Комилов, Ф. С.* Роль мультимедийных игровых технологий в образовательной среде виртуального общения [Текст] / Ф.С. Комилов, Ш.Х. Тагоев // Вестник педагогического университета. – 2015. – № 6 (67). – С. 60-66.

[11-М]. *Комилов, Ф. С.* Ҷабҳаҳои омӯзишии фанни технологияи иттилоотӣ дар гузариши мактаб ба муносибатҳои босалоҳият ба таълим [Матн] / Ф.С. Комилов, Ш.Х. Тағоев, Д.С. Шарапов, Ф.Р. Файзуллоев, Ҷ.Х. Мирзоев // Пайёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. – № 1 (73). – С. 27-37.

***в) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:***

[12-М]. *Комилиён, Ф. С.* Татбиқи бозии таълимии рангпуркунӣ дар баргардони ададҳо аз як системаи ҳисоб ба системаи ҳисоби дигар [Матн] / Ф.С. Комилиён, Ш.Х. Тағоев // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмии «Проблемаҳои муосири илмҳои табиатшиносӣ ва гуманитарӣ, нақши онҳо дар таҳкими робитаҳои илмии байни мамлакатҳо» бахшида ба 10-солагии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов. – Душанбе, ФДДМ, 2019. – С. 34-38.

[13-М]. *Комилов, Ф. С.* Игровая технология как интерактивный метод освоения знаний по школьным дисциплинам [Текст] / Ф.С. Комилов, Ш.Х. Тагоев // Материалы республиканской конференции, посвященной 70-летию профессора Б. Алиева «Современные проблемы прикладной математики и информатики». – Душанбе, ТНУ, 2014. – С. 117-120.

[14-М]. *Комилов, Ф. С.* Истифодаи технологияи бозии таълимии рангпуркунӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, Ш.Х. Тағоев // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2019. – № 3 (32). – С. 63-69.

[15-М]. *Комилов, Ф. С.* Мультимедийно-педагогическая игровая технология – игра с учебно-познавательной направленностью в виртуальной образовательной среде [Текст] / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов, Ш.Х. Тагоев, Ф.Р. Файзуллоев // Известия ТО Международной академии наук высшей школы. – 2016. – № 1. – С. 16-26.

[16-М]. *Тағоев, Ш. Х.* Истифодаи технологияи бозиҳо дар баргардони ададҳо аз системаҳои ҳисоби ҳаштӣ ва шонздаҳӣ ба системаи ҳисоби дуӣ [Матн] / Ш.Х. Тағоев // Маводи конференсияи XI-байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 70-солагии таъсисёбии ДМТ ва профессор М.Қ. Юнусӣ. – Душанбе, ДМТ, 2018. – С. 291-295.

[17-М]. *Тагоев, Ш. Х.* Об игровых технологиях в виртуальной образовательной среде [Текст] / Ш.Х. Тагоев // Материалы республиканской научно-теоретической конференции сотрудников ТНУ, посвященной «25-летию государственной независимости РТ». – Душанбе, ТНУ, 2016. – С. 15.

[18-М]. *Тағоев, Ш. Х.* Чанд роҳи таъмини бехатарии иттилоот дар сомонаҳои бо ёрии SharePoint сохташуда [Матн] / Ш.Х. Тағоев // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «700-солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт». – Душанбе, ДМТ, 2015. – С. 20.

[19-М]. *Тағоев, Ш. Х.* Ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии бозиҳои компютерӣ [Матн] / Ш.Х. Тағоев, У. Каримов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон С. Айнӣ» ва «70-солагии ДМТ». – Душанбе, ДМТ, 2018. – С. 19.

**Ба автореферат тақриз додаанд:**

1. Азимова Назира – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои риёзӣ-табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

2. Ахмедов Ҳусейнбой Маҷидович – номзади илмҳои педагогика, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии информатикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.
3. Сафаров Мунир Ватанович – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи илмҳоии компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рудакӣ.
4. Асоева Р.С. – Алочии маориф ва илми ҶТ, дорандаи дараҷаи тахассуси олӣ, омӯзгори фанни физика ва математикаи МТМУ № 9-и шаҳри Норак.

Ҳама тақризҳо воридшуда мусбӣ буда, эродҳо асосан хусусияти тавсиявӣ доранд.

***Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.*** Системаи муосири таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон дар шароити кунунии рушди ҷомеа бо нигаҳдории дастовардҳои қаблии соҳаи маорифи кишвар ва бо истифода аз имкониятҳои бавуҷудомадаи гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот тасмим гирифтааст, ки дар таълими хонандагон муносибатҳои босалоҳиятро роҳандозӣ намояд.

Зарурати гузариш аз низоми анъанавӣ, ки он дар асри XVII дар заминаи принсипҳои дидактика ташаккул ёфтааст, ба муносибатҳои нави таълимӣ тамоюли объективӣ дошта, дар марҳилаи ҷаҳонишавии босуръати муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии байни мамлакатҳо раванди ногузир мебошад.

Низоми кунунӣ ё анъанавии таълим аз нигоҳи ташкили раванди таълим низоми синфӣ-дарсӣ буда, тибқи он мазмуну мундариҷаи дарс тавассути методҳои тавзеҳию аёнӣ амалӣ гардонида мешавад. Дар ин низом фаъолияти таълимӣ дар раванди дарс пурра аз тарафи омӯзгор идора карда мешавад. Ӯ донишро дар шакли тайёр ба хонандагон пешниҳод менамояд. Хонандагон бошанд онро қабул ва бозгӯйӣ мекунанд. Дар интиҳои соли хониш омӯзгор натиҷаҳои таълими фанро арзёбӣ намуда, дараҷаи азхудкунии ҳар як хонандаро дар алоҳидагӣ месанҷад ва оид ба гузаронидан ё нагузаронидани онҳо ба синфи болоӣ қарор қабул мекунад. Китоби дарсӣ дар ин низом асосан барои иҷрои вазифаҳои хонагии хонандагон хизмат мерасонад. Мафҳумҳои «соли таҳсил», «рӯзи дарсӣ», «ҷадвали дарсҳо», «танаффуси байни дарсҳо» ва «таътил» нишондиҳандаҳои асосии низоми синфӣ-дарсӣ ба ҳисоб мераванд.

Муносибати нави таълимӣ ба салоҳиятнокии ҳам хонандагону ҳам омӯзгорон нигаронида шуда, «муносибати босалоҳият дар таҳсилот» номгузорӣ гардидааст. Муносибати мазкур фаъолнокӣ, мустақилият ва озодии академии хонандагонро роҷеъ ба интихоби маводи таълимӣ ва азхудкунии мавзӯи дарс таъмин намуда, мавқеи назоратии омӯзгорро фаъолтар мегардонад ва

хонандагону омӯзгоронро ба истифодаи методҳои фаъолтару самарабахштари таълимӣ ҳидоят мекунад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз пешкаш намудани тарзҳои самараноки ташаккул ва такмилдиҳии фаъолнокии хонандагон, ҳангоми азхудкунии мавзӯъҳои дарсӣ, бо истифода аз технологияи бозиҳо иборат аст, ки он бевосита ба масъалаи муносибати босалоҳият ба таълим рабт дошта, аз мубрамияти мавзӯи таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

***Дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот.*** Вобаста ба нақши технологияҳои бозиҳои педагогӣ дар таҳсилот ва дар рушди салоҳиятҳои таълимии хонандагону донишҷӯён, роҷеъ ба системаҳои ҳисоб, технологияҳои баргардони онҳо, масъалаи ададҳо ва таърихи пайдоиши онҳо чи аз тарафи олимони ватанию чи хориҷӣ ва муҳаққиқони соҳа таҳқиқоти зиёди арзишманде анҷом дода шуда, дар шакли монографияҳои илмӣ, китобу дастурамалҳои методиву таълимӣ ва мақолаҳои илмӣ дастраси омӯзгорон, муҳассилин ва мутахассисони соҳа гардонида шудаанд. Масалан, математики рус Н.Г. Берман китоби «Ҳисоб ва адад»-и худро ҳанӯз соли 1947 ба нашр расонидааст, ки он ба ададҳо, таърихи пайдоиш ва тарзҳои ҳисоббарориҳо бо онҳо бахшида шудааст.

Аз таҳқиқоти олими дигари рус М.С. Андреев «Тоҷикони водии Хуф (болооби Амударё). Маводҳо барои омӯзиши фарҳанг ва ҳаёти тоҷикон», ки соли 1958 аз чоп баромадааст, бармеояд, ки тоҷикон аз замонҳои хеле қадим ба омӯзишу парвариш, хоса ба инкишоф додани илми математика (риёзиёт) – илми ҳисоб машғул буда, ҳамон замонҳо дар ин самт нақши калидиро мебозидаанд. Тасдиқи гуфтаҳои ин муҳаққиқ, масалан, дар дурдонаҳои мутафаккирони дунёи куҳани тоҷикон Абурайҳон Берунӣ «Китобу-т-тафҳим ли авоили санати-танҷим» (1973), Ибни Сино «Фаслҳои математикии китоби «Донишнома» (1967) ва «Донишнома» (1980), Умари Хайём «Рисолаҳо» (1962) ва ғайра нуҳуфтаанд, ки онҳоро дар даврони шӯравӣ нашриҳои маъруф дар шакли муосир бознашр намудаанд. Олими эронӣ Абулқосим Қурбонӣ дар китоби «Риёзидонони эронӣ аз Хоразмӣ то Ибни Сино» (1350, ҳиҷрӣ) ва математики тоҷик А.Ш. Комилӣ дар китобҳои «Асрори адади π» (2004) ва «Калиди риёзиёт (Мифтоҳу-р-риёзиёт)» (2018) низ роҷеъ ба масъалаи мазкур андешаҳои судманди худро баён намудаанд.

Олимони зиёди риштаҳои математика, информатика ва педагогикаи ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ ва мамлакатҳои Ғарб низ ба масъалаҳои зикршуда таваҷҷуҳои хоса зоҳир намуда, дар даврҳои гуногун таҳқиқоти назаррас анҷом додаанд: Е.В. Андреева «Системаҳои ҳисоб ва арифметикаи компютерӣ» (2004), В.И. Арнолд «Арифметикаи назариявӣ» (1979) ва «Фаҳмиши математикии табиат» (2009), А. Вейл «Асосҳои назарияи ададҳо» (1972),

«Назарияи алгебравии ададҳо» (1947) ва «Ним асри математика» (1969), И.М. Виноградов «Асосҳои назарияи ададҳо» (2009), Г.И. Глейзер «Таърихи математикаи мактабӣ» (1981), математикони франсавӣ А. Даан-Далмедико, Ж. Пейффер «Пайроҳаҳо ва лабиринтҳо. Очеркҳо оид ба таърихи математика» (1986), математики англис Г. Дэвенпорт «Арифметикаи олӣ: муқаддима ба назарияи ададҳо» (1965), М.Г. Ермолаева «Бозӣ дар раванди таълим» (2005), А.Н. Колмогоров «Математика дар рушди таърихии он» (1991), математик ва файласуфи амрикоӣ С. Ленг «Ададҳои алгебравӣ» (1966), Е.М. Минкин «Аз бозӣ ба дониш» (1983), А.В. Нестеренко «МЭҲ ва касби барномасоз» (1990), А. Нивен «Ададҳои ратсионалӣ ва ирратсионалӣ» (1966), П.И. Пидкасистий, Ж.С. Ҳайдаров «Технологияи бозӣ дар таълим ва рушд» (1996), В. Решетников, А. Сотников «Информатика – ин чист?» (1989), А.К. Сушкевич «Назарияи ададҳо. Курси элементарӣ» (1954), С.В. Фомин «Системаҳои ҳисоб» (1987).

Умуман муътамадона метавон иброз дошт, ки имрӯз технологияҳои бозиҳо ба умқи таркиби технологияҳои педагогӣ ворид гаштаанд. Дар ин ҷода бисёр олимони ватанӣ ва хориҷии соҳаҳои ҳам педагогика ва ҳам информатика, ба мисли Р.Н. Абалуев, Е.В. Бурмистрова, Л.С. Виготский, В.М. Вимятнин, И.Ю. Горохова, М.А. Горюнова, В.П. Дёмкин, А.С. Карпова, Е.В. Клименко, Ф.С. Комилиён, А.А. Кузнетсова, А.Н. Леонтев, И.Я. Лернер, А.Р. Мирзоев, Г.В. Можаев, З.Ф. Раҳмонзода, Б.Ф. Раҷабов, М.Н. Скаткин, Г.М. Троян, Ф.Ш. Шарипов, Д.Б. Элконин, Е.В. Якушин ва дигарон ба назарияи бозиҳои таълимӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд ва ё то андозае, ки корашон тақозо намудааст, ба коркарди онҳо даст зада, кӯшиш ба харҷ додаанд, ки табиати иҷтимоии бозиро дарк намоянд ва асоси методологии онро бунёд созанд.

Шогирдони мактаби илмии олими намоёни соҳаи информатика дар Тоҷикистон профессор Ф.С. Комилиён солҳои қаблӣ бештар ба ҳалли масъалаҳои педагогии муносибати иттилоотӣ ба таълими донишҷӯёни таҳсилоти миёнаи касбии тиббӣ, таҳлили самаранокии истифодаи таъминоти дидактикии ба ТИК асоснокшуда дар раванди таълим дар ҳамин зинаи таҳсилот, таъминоти педагогию иттилоотии системаи идоракунии сифати хизматрасонӣ (Ф.С. Комилов, Б.Ф. Раҷабов, 2015), татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар зинаи таҳсилоти олӣ, асосҳои назариявии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ (Ф.С. Комилов, З.Ф. Раҳмонов, 2012, 2014) ва ғайра машғул шудаву ба натиҷаҳои назаррас ноил шудаанд.

Хусусияти фарқкунандаи таҳқиқоти мо аз таҳқиқоти кулли олимони болозикр асосан дар он аст, ки онҳо танҳо ба масъалаи татбиқи технологияи бозиҳои педагогӣ дар рушди салоҳиятҳои хонандагон бахшида шуда, натиҷаҳои таҳқиқотии ҳосилшуда барои фазои таҳсилоти Тоҷикистон ва умуман минтақаи Осиёи Марказӣ як падидаи нав ба ҳисоб меравანд: «Технологияи бозиҳои

педагогӣ дар рушди салоҳиятҳои хонандагон дар ҷараёни таълими системаҳои ҳисоб. Дастури таълимии иловагӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ барои хонандагони синфи 11» (2019), «Татбиқи бозии таълимии рангпуркунӣ дар баргардони ададҳо аз як системаи ҳисоб ба системаи ҳисоби дигар» (2019), «Андешаҳо перомуни муносибати босалоҳият дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» (2018), «Истифодаи технологияи бозиҳо дар шакли таълими проблемагаро ва таҳкими технологияҳои педагогӣ» (2018), «Технологияи бозии мултимедиявӣ-педагогӣ – бозӣ бо тамоюли таълимӣ-маърифатии муҳити таълимии маҷозӣ» (2016), «Технологияи бозӣ ҳамчун як намуди бозии интерактивии педагогӣ» (2015), «Нақши технологияҳои бозиҳои чандрасонаӣ дар муҳити таълимии муошировати маҷозӣ» (2015), «Технологияҳои бозиҳо ҳамчун усули интерактивии азхудкунии дониш дар фанҳои мактабӣ» (2014).

Дар маҷмӯъ, дараҷаи азхудшудаи мавзӯи диссертатсионии мо асосан ба таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷии болозикр алоқамандӣ дорад. Дар масъалаи амсиласозии компютерии бозии таълимии рангпуркунӣ дар баргардони ададҳо аз як системаи ҳисоб ба системаи ҳисоби дигар мо ба принсипҳо, технологияҳо ва усулҳои таҳқиқоти илмие такя намудаем, ки онҳоро муҳаққиқони соҳа дар омӯзиш ва идоракунии фазои таҳсилотии кишвар истифода бурдаанд. Асоси методологии таҳқиқоти моро китобу санадҳои таълимии зерин ва асарҳои дар боло зикршуда ташкил додаанд: «Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва консепсияи стандартҳои фаннии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2013), «Стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фанни технологияи иттилоотӣ барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ» (2005), «Информатика ва технологияҳои иттилоотӣ» (Ф.С. Комилов, 2016), «Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ, синфи 11» (Ф.С. Комилов, Т. Шарипов, С.Ҳ. Мирзоев, И.Л. Қосимов, З.Ф. Раҳмонов, 2014), «Роҳнамои фанни технологияи иттилоотӣ синфи 11-ум. Дастури таълимӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» (Ф.С. Комилиён, И.Л. Қосимов, Р.Ҷ. Давлатов, Ш.Х. Тағоев, 2018).

***Навгониҳои илмии таҳқиқот:***

- бори нахуст нақши бозиҳои таълимӣ дар таҳкими технологияҳои педагогӣ ва муносибати босалоҳият дар таҳсилот мавриди омӯзиш, таҳқиқ, таҳлил ва татбиқ қарор дода шудааст;
- бори нахуст дар табдилдиҳии ададҳо аз як системаи ҳисоб ба системаи ҳисоби дигар технологияи бозии таълимӣ истифода шуда, тавассути усулҳои таҳқиқотии таҳлили нисбӣ-муқоисавӣ ва озмоиши компютерӣ самаранокии он бо ҳамин гуна натиҷаҳои бо ёрии технологияҳои маъмул бадастомада қиёс карда шудааст;

- тарзи самараноки табдилдиҳии ададҳо аз системаҳои ҳисоби мавқеии ҳаштӣ ва шонздаҳӣ ба системаи ҳисоби дуӣ бо истифода аз технологияи бозии таълимии рангпуркунӣ кор карда баромада шудааст;
- бори нахуст амсилаи компютерии бозии таълимии рангпуркунӣ барои табдилдиҳии ададҳо аз системаҳои ҳисоби мавқеии ҳаштӣ ва шонздаҳӣ ба системаи ҳисоби дуӣ сохта шудааст;
- дар заминаи амсилаи компютерии сохташуда методикаи таҳиясозии амсилаҳои бозиҳои гуногуни таълимӣ барои табдилдиҳии ададҳо аз як системаи ҳисоб ба системаи ҳисоби дилхоҳи дигар рӯйи кор омадааст, ки онро метавон дар раванди амалисозии муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои информатика ва технологияи иттилоотӣ ба таври васеъ истифода бурд.

***Аҳамияти назарии таҳқиқот*** аз он иборат аст, ки барои табдилдиҳии фаврии ададҳо аз як системаи ҳисоб ба системаи ҳисоби дигар дар шакли амсилаи компютерии бозии таълимии рангпуркунӣ афзори мукаммали табдилотие сохта шудааст, ки дар соҳаи илми информатика ҳодисаи беназир ба ҳисоб рафта, тавассути он салоҳиятҳои таълимии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва салоҳиятҳои педагогии омузгорони фанни технологияи иттилоотиро имконияти рушд додан муҳайё гардидааст.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот*** – аз таҳияи методикаи амсиласозии компютерии бозиҳои педагогӣ ва тарзи самарабахши азхудкунии мавзӯи дарс иборат аст. Маводҳои таҳқиқотии диссертатсия ба сифати дастурамали таълимии иловагӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ барои хонандагони синфи 11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавсия мешавад. Дар таҳқиқот аз боби истифодаи технологияи бозиҳои педагогӣ дар рушди салоҳиятҳои хонандагон дар ҷараёни таълими яке аз мавзӯъҳои доманадори китоби дарсии технологияи иттилоотӣ – системаҳои ҳисоб сухан меравад. Барои болобарии дониши хонандагон роҷеъ ба мавзӯи мазкур ҳамчунин ба онҳо аз таърихи ададҳо, системаҳои ҳисоби тамаддунҳои гуногун ва истифодаи технологияи бозиҳо дар баргардони ададҳо аз як системаи ҳисоб ба системаи ҳисоби дигар низ иттилоъ пешкаш карда мешавад.

Аз натиҷаҳои таҳқиқотӣ ҳамчунин метавонанд бакалавриатҳо, магистрантон, докторантони PhD ва унвонҷӯёни ихтисосҳои информатика, низоми иттилоотӣ, техникаи ҳисоббарор ва таъминоти барномавӣ, амсиласозии математикӣ ва компютерӣ, автоматикунонӣ ва идоракунӣ, таърихи илму техника ва умуман кулли муҳаққиқони ихтисосҳои самти илмҳои техникиву технологӣ, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи системаҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ машғуланд, ҳамчун манбаи иттилооти иловагӣ истифода баранд.

***Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.*** Раванди санҷиш ва татбиқи натиҷаҳои диссертатсионӣ амалан дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот (солҳои 2013-2019) гузаронида шудааст. Натиҷаҳои асосӣ дар шакли маърӯзаҳои илмӣ дар семинарҳои кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ), конференсияҳои илмии ҳарсолаи дохилидонишгоҳии ДМТ, конференсияҳои байналмилалии «Таҳлили компютерии проблемаҳои илм ва технология» бахшида ба 70-солагии ташкилёбии ДМТ ва 70-солагии профессор М.Қ. Юнусӣ (Душанбе, ДМТ, 2018), «Проблемаҳои муосири илмҳои табиатшиносӣ ва гуманитарӣ, нақши онҳо дар таҳкими робитаҳои илмии байни мамлакатҳо» бахшида ба 10-солагии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов (Душанбе, ФДДМ, 2019), конференсияҳои ҷумҳуриявии «Масъалаҳои муосири математикаи татбиқӣ ва информатика» бахшида ба 70-солагии профессор Б.А. Алиев (Душанбе, ДМТ, 2014), бахшида ба ҷашнҳои «700-солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015 (Душанбе, ДМТ, 2015), бахшида ба 25-солагии истиқлолияти давлатии ҶТ (Душанбе, ДМТ, 2016) ва бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон С. Айнӣ» ва «70-солагии ДМТ» (Душанбе, ДМТ, 2018) мавриди баррасӣ ва муҳокимаю арзёбӣ қарор гирифта, дар 5 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шаҳрҳои Душанбе ва Норак истифода шудаанд (Замимаҳо).

***Саҳми шахсии довталаб*** дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар масъалагузориҳои мавзӯӣ, таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, баргузории озмоишҳои педагогӣ, таҳлил ва хулосабарориҳои ҷамъбастӣ ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб бо ягонагии дохилии диссертатсия тавъам омада, дар намуди робитаҳои байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозии компютерӣ, ки фарогири масъалаи муносибати босалоҳият дар таҳсилот мебошанд, метавонанд дар рушди назария ва методикаи омӯзишу таълими фанни информатика саҳми босазо гузоранд. Нуктаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ тавассути усули амсиласозии компютерӣ ва модулҳои барномавии дар шакли комплекси барномаҳои объектгаро таҳияшуда асоснок гардида, тасдиқи худро ёфтаанд.

***Интишори натиҷаҳои диссертатсия.*** Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 19 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5-тояшро дастурҳои таълимию методии аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ДМТ тавсияшуда, 6-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон банашррасида ва 8-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашриёҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

***Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.*** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», се боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Охирсухан», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» ва бахши «Замимаҳо» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 171 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори матнии Microsoft Word ҳарфчиншуда иборат буда, 27 расму диаграмма ва 45 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар се боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 79 номгӯй мебошад.

Диссертатсияи Тағоев Шамсулло Хурсандович ҷавобгӯи талаботи муқаррарнамудаи банди 7-уми “Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ” нисбати диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мебошад.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ (12.09.2020, протоколи №1), дар бораи ба Тағоев Шамсулло Хурсандович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул кард.

Дар овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ иборат аз 15 нафар, иштирок доштанд 13 нафар, аз ҷумла 7 нафар доктори илм, ки ба ҳайси шӯро дохил мешаванду дар ҷаласа иштирок доштанд, чунин овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, зид – нест, бюлетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шӯрои диссертатсионии
6D.КОА-035 доктори илмҳои
педагогика, профессор — Шарифзода Ҷ.Ш.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионии
6D.КОА-035 номзади илмҳои
педагогика, дотсент — Файзализода Б.Ф.

Имзои профессор, Шарифзода Ҷ.Ш. ва
дотсент, Файзализода Б.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав — Шукурзод Ҷ.А.

14.09.2020. ҶМ